Ба Шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Муқимов Сафарбек Давлатбекович дар мавзӯи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст. (Душанбе, 2023. - 31 саҳ.)**

Автореферати диссертатсияи Муқимов Сафарбек Давлатбекович таҳқиқоти мустақилонаи эҷодии илмии проблемаи мубрами ҳуқуқӣ, натиҷаи кори калони таҳқиқотии муаллиф мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки Муқимов С.Д. гузаронидааст, мубрамият ва навоварии илмии он таваҷҷӯҳи хоса дорад, зеро дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология бисёр масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ба қадри кофӣ таҳқиқ нашудаанд ва коркарди пешниҳоду тавсияҳои мушаххасро бо мақсади такмили қонунгузории амалкунанда талаб менамоянд.

Аҳамияти таҳқиқоти илмии гузаронидашударо асоснок карда, бояд қайд кард, ки бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат тағйироти муҳим ба амал омаданд, ки ба сиёсати умумии ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноятҳои муқобили саломатӣ дахолат карданд. Ҳуқуқ ба саломатӣ дар сатҳи қонунгузорӣ дар моддаи 38 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт гардидааст. Ин ҳуқуқи конститутсионӣ, тибқи моддаи 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рӯйхати объектҳое ворид карда шудааст, ки бо Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд ва мувофиқан дар моддаҳои 110-129 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои зарар расонидан ба саломатии инсон ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ карда шудааст. Дар вақти ҳозира, қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун яке аз муҳимтарин воситаҳои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад мекунад ва манфиатҳои фардӣ,

ҷамъиятӣ ва давлатиро аз суиқасдҳои гуногуни ҷиноятӣ боэътимод ҳифз менамояд. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки сарфи назар аз мавҷудияти муқаррароти дахлдор, қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи саломатӣ, махсусан дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарар ба саломатӣ аз камбудиҳо холӣ нест. Хусусияти мазкурро ба назар гирифта, дар ин самт иҷро намудани таҳқиқоти диссертатсионӣ ва илмӣ аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад.

Муаллиф ҷанбаҳои навро нисбати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мавқеи дастовардҳои ҳуқуқии муосир дар соҳаи ҳуқуқтатбиққунӣ комилан пурра таҳлил кардааст.

Ҳамаи ин, бешубҳа, аз муҳимият, саривақтӣ ва мубрамияти таҳкикоти диссертатсионии Мукимов С.Д. шаҳодат медиҳад.

Сохтори рисола, ки аз муқаддима, ду боб, ки шаш параграфро дар бар мегирад, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат аст, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқотро аниқ муайян мекунад, ки дар онҳо рушди марҳила ба марҳилаи мафҳуми қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ дар қонунгузории давраи шӯравӣ ва хусусиятҳои таҳаввулоти ин мафҳум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шудаанд.

Аҳамияти бешубҳаро хулосаи муаллиф дар бораи он дорад, ки таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ нишон дод, ки дар бисёр давлатҳо расонидани зарар ба саломатии инсон (расонидани зарари ҷисмонӣ) ба категорияҳои вазнин, миёна ва сабук тақсим карда мешавад. Аммо, дар ин бобат баъзе истисноҳо вуҷуд доранд. Масалан, бо роҳи қисман гирифтани истилоҳҳои КҶ РСФСР солҳои 60-ум собиқ ҷумҳуриҳои шӯравии Озарбойҷон, Гурҷистон, Қирғизистон ибораи (тавсияи) «зарари начандон вазнин ба саломатӣ»-ро истифода мебаранд. Дар КҶ Ҷумҳурии Беларус ва Ҷумҳурии Тоҷикистон номи кӯҳнаи таркиби ҷиноят – «зарари начандон вазнини ҷисмонӣ»-ро нигоҳ доштанд. Қонунгузории ҷиноятии Литва ва Эстония низ аз рӯи дараҷаи зарар ба саломатӣ фарқ мекунад. Маҳрумӣ аз озодӣ шакли анъанавии ҷазо дар ҳамаи Кодексҳои ҷиноятии кишварҳои ИДМ ва Балтика мебошад. Дар баробари ин маълум шуд, ки аз 15 ҷумҳурӣ 9-тоаш ба ҷазои минималӣ ишора накарда, ҷазои максималии худро дар намуди 3 сол маҳрумӣ аз озодӣ муқаррар кардаанд. Мавҷудияти муҷозоти нисбатан сабук хусусияти фарққунандаи қонунгузории Ҷумҳурии Озарбойҷон ва Эстония ҳисобида мешавад. Барои расонидани зарари миёна ба саломатии инсон ҷазои нисбатан сахттар муқаррар карда

шудааст: 1) Молдова — 4 сол, 2) Латвия, Қирғизистон, Қазоқистон — 5 сол (саҳ. 25—26 автореферат).

Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки дар он тавсияҳои амалӣ оид ба мувофиқи мақсад будани шарҳи мафҳуми «харобшавии тӯлонии саломатӣ ё ба таври устувор аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти умумии меҳнатӣ» дар эзоҳ ба м. 111 КҶ ҶТ, инчунин дар мазмуни м. 111 КҶ ҶТ дар баробари ифодаи «харобшавии тӯлонии саломатӣ ё ба таври устувор аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти умумии меҳнатӣ», ибораи «аз даст додани қобилиятҳои равонӣ ва саломатии равонӣ, ки ба бемориҳои руҳӣ монанд нест» илова карда шавад (саҳ. 28 автореферат).

Шубҳае нест, ки хулоса ва пешниҳодҳои унвонҷӯ, ки дар муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда ифода ёфтаанд, метавонанд дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, инчунин дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятии ватанӣ дар соҳаи қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ равона карда шудаанд, истифода шаванд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон бо итминон қайд намуд, ки таҳқиқоти гузаронидаи Муқимов С.Д. дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», аввалин таҳқиқоти маҷмӯӣ, илмӣ, ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки маҷмӯи пурраи масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки ба такмили қонунгузории амалкунанда ва бартараф намудани камбудиҳои мавҷуда мусоидат мекунад.

Сифатҳои мусбии таҳқиқоти илмии гузаронидаи Муқимов С.Д.-ро ҷамъбаст намуда, бояд қайд кард, ки аз ҷониби рисоланавис дар пайдарҳамии мантиқӣ ва хронологӣ муҳимтарин ҷанбаҳои таърихӣ ва амалии проблемаи қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шудаанд.

Чунин мешуморем, ки автореферати диссертатсия кори илмии тахассусӣ буда, дар он ҳалли масъалаҳое, ки барои рушди минбаъдаи мафҳуми институти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим доранд, дарҷ гардидааст.

Бо вуҷуди ин, ба назари мо, дар вақти ҳимояи рисола як қатор саволҳоро бевосита дар назди муаллиф гузоштан мумкин аст:

1. Дар рисола номи олимони ватанӣ, ки оид ба проблемаи баррасишаванда таҳқиқот гузаронидаанд, оварда шудааст, аммо ҳангоми таҳқиқи равишҳои методологӣ назари онҳо оварда нашудааст.

2. Дар асоси натиҷаҳои бадастомада мумкин буд, ки қисми тавсиявии кори диссертатсиониро оид ба истифодаи амалии онҳо пурзӯр кард.

Аммо эродҳои баёншуда хусусияти баҳсталаб дошта, арзиши натиҷаҳои илмию амалии ба дастомадаи таҳқиқотро паст намекунанд.

Рисоларо дар маҷмӯъ тавсиф карда, бо ҳамаи асосҳо тасдиқ кардан мумкин аст, ки дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаҷми зиёди иттилоот ҷамъбаст гардидааст, проблема чуқур омӯхта шудааст, вазифаҳои таҳқиқот аниқ ифода ёфта, басо бомуваффақият ҳал карда шудаанд.

Омӯзиши автореферат имконият медиҳад, ки хулосаи зеринро кард. Рисола дар мавзӯи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 с., №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад, муаллифи он - Муқимов Сафарбек Давлатбекович бошад сазовори ба вай додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Муаллими калони кафедраи
ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва
зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Оралбаев Х.Х.

Имзои Оралбаев Х.Х.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон Шарипов У.А.

«30» 08 с.2023

**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Нахимов 64/14 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Телефон: +992(37) 231-02-01. E-mail: tgfeu@tgfeu.tj